**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(7340025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Қудратов Некруз Абдунабиевич ба диссертатсияи Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқшиносӣ аҳамияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ дорад. Кафолати озодии фаъолияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистони дар назди қонунгузор, дар баробари дигар мушкилотҳо проблемаи нав, таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодӣ, аз ҷумла давлатро ҳамчун кафили рушд ва мавҷудияти тамоми ҷомеа ва шаҳрвандонро гузоштааст. Назорати давлатии низоми бонкӣ танзимнамоии фаъолияти бонкии ташкилотҳои қарзӣ, муайян кардани асосҳо ва ҳудуди дахолати давлатӣ ба онро дар назар дорад. Тавре натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд дар бонкдории миллии муосир падидаҳо ва тамоюлҳои манфӣ мавҷуданд. Аз ин лиҳоз низ, таҳқиқоти диссертатсионӣ мубрам буда, он ба баъзе аз мушкилотҳои ҷойдоштаи назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва татбиқи амалияи он (масъалаҳои бандубаст) равшанӣ меандозад.

Ҳолатҳое, ки мубрам будани диссертатсияи Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшедро собит месозанд, зиёд буда, бо омилҳои дар боло қайдгардида ба охир намерасанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бамаврид буда, дар он масъалаҳои муҳими қаблан ҳалнагардидаи илми ҳуқуқшиносӣ баррасӣ гардида, аз нигоҳи диссертант масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро, арзёбӣ шудаанд.

Масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қонунгузории ҷиноятӣ таҷдиди назарро талаб менамояд. Маҳз дар ин бора дар натиҷаи таҳқиқоти худ Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед хулосабарорӣ намудааст, ки он қобили дастгирӣ мебошад.

Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ, коркарди пешниҳоду тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мебошад. Вазифаҳои таҳқиқоти мазкурро бошад, омӯзиши таърихи ташаккул ва рушди муносибатҳои бонкӣ чун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ дар Тоҷикистон; гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ дар асоси қонунгузории ҷиноятии ҶТ ва

қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ; таҳқиқи аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мутобиқан ба қонунгузории ҷиноятии ватанӣ; омӯзиши оқибати ба ҷамъият хавфнок будани фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ; баррасии аломатҳои бандубастшавандаи таркиби ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ; муайян намудани фарқияти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ аз ҷиноятҳои ба он монанд; коркард ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ташкил додаанд (саҳ. 12).

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқот, объект ва предмети мавзӯи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, оид ба тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия таъкид гардидааст.

**Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи талабот ба диссертатсияҳо, ки ба бандҳои 10,11,12,13,14,15,16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» муайян карда шудаанд.** Диссертатсия кори анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, қонуни ҷиноятӣ ва қонунгузории бонкӣ оид ба ҳифзи муносибатҳои бонкӣ мусоидат мекунад. Аз ҷумла ҷанбаҳои хоси проблемаҳои тавсифи хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, таҳлили аломатҳои объективии ин ҷиноят ва тавсифи аломатҳои субъективии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ аз ҷониби муаллиф коркард шудааст.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, инчунин таҳлили танқидии ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

Диссертатсия ягонагии дохилӣ дорад, яъне дар он танҳо масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Сохтори диссертатсия тибқи мақсад ва вазифаҳои он, инчунин талаботи таҳқиқоти муттасил ва мантиқӣ интихоб карда шудааст. Бобоҳо ва зербобҳои диссертатсия бодарназардошти таҳқиқи мантиқӣ тибқи усули илмии гузариш ба мафҳумҳои умумӣ ва мушаххас, пай дар ҳам таҳлил намудани қонунгузорӣ муайян карда шудааст.

Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд:

1.Таҳлили таърихи ташаккул ва рушди муносибатҳои бонкӣ чун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ. Диссертант асоснок намудааст, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза аз давраҳои аввали давлатдории тоҷикон ҷой дошта, дорои махсусиятҳои хоси худ буданд. Аммо ба шакли имрӯза ташаккулёбии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба

ҳифзи фаъолияти бонкӣ пеш аз ҳама аз таъсири ҳуқуқи тоинқилобии Русияи подшоҳӣ, Иттифоқи Шӯравӣ ва баъдан ИДМ вобастагии зич дорад. Қонуни ҷиноятии замони шӯравӣ муқаррароти бевоситаро ҷиҳати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ пешбинӣ накарда бошад ҳам, лекин нишонаҳои алоҳидаи онро дар таркиби дигар ҷиноятҳо мустаҳкам намуда буд.

2. дар натиҷаи таҳлил муаллиф сабаби асосии дар КҶ ҶТ пайдо шудани ин ҷиноятро, пеш аз ҳама ба қабул гаштани Кодекси моделии ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ иртибот дододааст, ки дуруст мебошад. Зеро, маҳз махсусиятҳои объекти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ сабаб гардидаанд, ки ин ҷиноятро дар Кодекси моделии ҷиноятии ИДМ алоҳида аз ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ мавриди танзим қарор диҳанд.

3. аз усусли муқоисавӣ ҳуқуқӣ истифода намуда диссертант асоснок намудааст, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ҳамчун таркиби алоҳида на дар ҳамаи қонунҳои ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ муқаррар карда шудааст. Вобаста ба ин метавон кишварҳои ИДМ-ро ба ду гурӯҳи калон тақсимбандӣ намуд:

а) кишварҳое, ки фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ чун ҷинояти алоҳида дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар гаштааст (Кодексҳои ҷиноятии Федератсияи Русия, Ҷумҳуриҳои Қирғизистон ва Туркманистон);

б) кишварҳое, ки фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ чун қисми таркибии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ муқаррар гаштаанд (Кодексҳои ҷиноятии Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Арманистон, Озорбойҷон, Ӯзбекистон, Молдовия, Беларус).

4. Диссертант дар асоси усусли таҳлил ва хулосабарорӣ дуруст қйад намудааст, ки диспозитсияи ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ хусусияти бланкетиро доро мебошад. Бинобар ин, қнунгузор ҳангоми эҷоди диспозитсияи қ.1 м. 263 КҶ аз истилоҳоте корбурд кардааст, ки мазмуну моҳияти онҳо дар соҳаҳои дигари ҳуқуқ шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Мутобиқи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ истилоҳоти ҳуқуқӣ дар санади меъёрии ҳуқуқӣ танҳо бо ҳамон маъное истифода мегардад, ки он дар соҳаи махсуси дахлдор истифода мешавад. Бо мақсади мутобиқат намудани диспозитсияи қ.1 м. 263 КҶ ба қонунгузории соҳавӣ пешниҳод карда мешавад, ки ба ҷойи истилоҳоти «шаҳрванд, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ» истилоҳоти «шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ» истифода карда шавад.

5. пешниҳоди диссертант оиди он, ки бо мақсади дуруст тафриқагузорӣ карда шудани шаклҳои шарикӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ пешниҳод мегардад, ки дар қ.2 м. 263 КҶ содир намудани фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ чун банди алоҳида муқаррар карда шавад, асоснок ва саривақтӣ мебошад.

7. Яке аз ҳолатҳое, ки барои такмили қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон аҳамиятнок аст, ин муқаррар намудани намуди махсуси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ҳангоми мавҷуд набудани ҳолатҳои вазнинкунандаи ин ҷиноят ба шумор меравад. Чунин таҷриба дар қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷ, бахусус

Қазоқистон (эзоҳ ба м. 214 КҶ) ҷорӣ карда шудааст. Мутобиқи он шахсе, ки бори аввал кирдори дар қисми якуми ҳамин модда пешбинишударо содир кардааст, ҳангоми зарарро ихтиёран талофӣ намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад. Бинобар ин, зарур аст, ки чунин намуди махсуси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ бе ҳолатҳои вазнинкунанда муқаррар карда шавад.

Ин пешниҳоду тавсияҳои муаллиф қобили дастгирӣ буда, саривақтӣ ва мубрам мебошанд, аммо ба андешаи мо онҳо кифоя набуда, барои пурра бартараф намудани ноқисии конуни чиноятиро вобаста ба фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ нокифоя мебошанд ва дар баъзе ҳолатҳо асоснокии иловагиро талаб менамоянд. Ин масъалаҳо ҳам таҳқиқоти илмӣ ва ҳам таҷдиди назари қонунгузориро талаб менамоянд. Умуман дар адабиёти ҳуқуқӣ ва дар байни олимони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ақидаҳои гуногун мавҷуд мебошанд.

**Сатҳи асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои илмӣ (нуктаҳои илмӣ), хулосаҳои унвонҷӯй.** Ягон шубҳаро саҳеҳият, навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд ба вуҷуд намеоранд. Пешниҳод ва нуктаҳои илмии диссертатсия ба таҳқиқоти назариявию объективӣ такя намуда, натиҷагириҳо асосноку боэътимод мебошанд ва ба мулоҳиза ва хулосабарориҳои муаллиф асос ёфтаанд. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки он аввалин рисолаи комплексии илмӣ оид ба ҷавобгари барои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ буда, муаллиф бо дарназардошти меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлатҳои хориҷа ин масъаларо таҳлил намудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия** дар он аст, ки андешаҳои муаллиф фаҳмишҳои илмии вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мукаммал гардонида, барои таҳқиқи минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма хизмат менамоянд.

Нуқтаҳо ва тавсияҳое, ки муаллиф дар диссертатсия баён намудааст, метавонанд дар таҳияи барномаҳои соҳавӣ, қонунҳо, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, таълим дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода шаванд.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот.** Нуқтаҳои асосии диссертатсия дар 14 мақолаи илмӣ, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ифодаи худро ёфтаанд.

Диссертатсияи Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед бонизом таҳия гардида, фарогири ақидаҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба м. 263 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ пешбинӣ менамояд, бахшида шудаанд.

**Сохтори рисола** аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва номгуи сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад. Сохтори диссертатсия ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, хамаи масъалаҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда халлу фасли худро ёфтаанд.

Асоснокии пешниҳодоти дар диссертатсия ифодашуда, инчунин бо таҳлили сарчашмаҳои истифодашуда, оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои

фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, тасдиқи худро ёфтааст. Феҳристи маъхазҳо аз сарчашмаҳои зиёде иборат мебошад, ки онҳо барои омӯзиши муфассали ҳолати кор дар мавзӯи таҳқиқшаванда имконият додаанд.

Асосҳои методологии таҳқиқотро методи диалектикии маърифати воқеияти иҷтимоӣ, инчунин маҷмӯи методҳои махсуси илмӣ - оморӣ, шаклию мантиқӣ, таърихӣ, қиёсию ҳуқуқӣ, сотсиологӣ ва ғайра ташкил додаанд. Дар диссертатсия методҳои махсуси омӯзиши проблемаҳои илмӣ, аз қабили методҳои муқоисавӣ - ҳуқуқӣ васеъ истифода гаштаанд, ки барои коркарди донишҳои нави марбут ба мавзӯи диссертатсия ва натиҷаҳои он замина фароҳам овардаанд. Ҳамаи ин усулҳо ба муаллиф имконият додаанд, ки як қатор пешниҳод, хулоса ва тавсияҳои муҳимму асосноки илмиро пешкаш созад.

**Мувофиқати автореферат ба мухтавоии диссертатсия.** Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи мазкур дар автореферати диссертатсия ба таври пурра ва ҳаматарафа инъикоси хешро пайдо намудааст. Таҳлил ва омӯзиши автореферат бошад, собит менамояд, ки дар он талаботҳо оид ба омода намудани автореферат, риоя гардида, пурра ба диссертатсия мувофиқат менамояд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Аз матни таҳқиқоти диссертатсионӣ бар меояд, ки он дар доираи лоиҳаи илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки ба мавзӯи «Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони муосири рушд (барои солҳои 2016-2020)» бахшида шудааст, иҷро гардидааст. Аз ин рӯ, мавзӯи интихобшуда, ки таҳқиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ дар бар мегирад ва ба ихтисоси 12.00.08- ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ҷавобгӯ буда, ҳамзамон робитаи кор бо ихтисоси мазкур мувофиқаст.

**Эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия.**

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҳалталаб ҷой доранд, ки барои ҳалли онҳо фикри муаллиф талаб карда мешавад. Ба монанди:

1. Диссертант дар саҳифаи 104 рисола дар мушахаснамоии объекти намудии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ба хулосаи аниқ наомадааст. Зеро, муаллиф объекти ин ҷиноятро ба се гуруҳи муносибатҳо рабт додааст. 1) Дар ҳолати аввал объекти намудии ҷинояти м. 263 КҶ ҶТ, яъне фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ин «принсипҳои умумии муқарраршудаи тартиби амалигардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ», 2) дар ҳолати дуввум, ҳамчун «муносибатҳои ҷамъиятие, ки манфиатҳои фаъолияти иқтисодиро дар самти молия таъмин мекунанд, 3) дар ҳолати саввум, ҳамчун «муносибатҳо дар соҳаи пулию кредитӣ, дар ҳолати чорум, ҳамчун «муносибатҳо дар соҳаи гумрук» фаҳмида мешавад.

Хуб мешуд, ки муаллиф мушахас як гуруҳи муносибатҳои ҷамъиятиро

интихоб намуда, онро ҳамчун объекти намудии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ онро пешниҳод мекард. Шарҳи муаллиф оид ба масъалаи мазкур талаб карда мешавад.

2. Дар пешниҳоди 7-ум муаллиф муқаррар намудани намуди махсуси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ яъне ҳангоми зарарро ихтиёран талофӣ намудан пешниҳод менамояд. Аммо бояд қайд намуд, ки чунин ҳолат аллакай дар моддаи 72 пешбинӣ гардидааст, тибқи моддаи 72 КҶ ҶТ шахсе, ки бори аввал ҷинояти начандон вазнин ва ё дараҷаи миёна содир кардааст, агар пас аз содир намудани ҷиноят ихтиёрӣ омада, ба гуноҳи худ иқрор шавад ё ба ошкор намудани ҷиноят фаъолона мусоидат кунад ё зарари расонидаашро талофӣ намояд ё ин ки ба тариқи дигар зиёни расонидаашро рафъ кунад, мумкин аст аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад.

3. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳангоми содир намудани фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ расонидани зарар назар ба ҷинояти қаллобӣ чандин маротиба зиёд мебошад. Агар ба санксияҳои ин ҷиноятҳо назар афканем қонунгузор барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ нисбат ба қаллобӣ ҷазои сабуктарро интихоб намудааст. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки дар рисола ба масъалаи кифоягии ҳад ва андозаи ҷазо диққати махсус дода нашудааст.

Масъалаи мазкурро диссертант ҳангоми ҳимояи рисола асоснок менамуд.

4. Дар с. 105 рисола диссертант чунин қайд менамояд: “Таҳлили доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, ақидаҳои мухталифи муҳаққиқон имкон медиҳанд, ки объекти бевоситаи фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ба таври мушаххас пешниҳод нашуда, асосан дар худ таъиноти объекти бевоситаи дигар таркиби ҷиноятро дар бар гирифтааст (асосан объекти бевоситаи соҳибкории ғайриқонуниро). Дар баробари ин, бояд он ҳолатро ба назар гирифт, ки барои бандубасти дурусти кирдори содиршуда ба таври мушаххас муайян намудани объекти бевосита, ки дар мувофиқа аз объекти хелӣ ва намудӣ аз рӯи фасл ва боби КҶ муайян карда намешавад, аҳамияти хоса дорад. Зеро объекти бевосита ин муносибати ҷамъиятии мушаххас мебошад, ки ба он ҷиноят таҷовуз мекунад ё зери таҳдиди таҷовуз қарор медиҳад”. Аз пешниҳоди зикршуда бармеояд, ки муаллиф бояд ин камбудиро худаш ислоҳ намуда, объекти бевоситаи фаъолияти ғайриқонунии бонкиро дар инҷо пешниҳод менамуд.

Масъалаи мазкурро диссертант ҳангоми ҳимояи рисола шарҳ медод.

Камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар боло қайд шуданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани таҳқиқоти илмӣ мебошад.

**Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур, ки ба мавзӯи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ бахшида шудааст, аз рӯйи мазмун ва мундариҷа масъала ва мушкилоти гуногунро фаро мегирад. Зимнан, тамоми масоил ва мушкилоти вобаста ба мавзӯи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои он имконият додаанд, ки таҳқиқот дар шакли диссертатсия муттаҳид шуда, ҳамчун кори мукаммали илмӣ-тахассусии анҷомёфта пешниҳод карда шавад.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти диссертатсионии Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед ба талаботи бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ гардидааст, мутобиқат намуда, ҳамчун таҳқиқоти мукаммали илмии тахассусӣ ба рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба пешгирии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ғайриқонунӣ мусоидат хоҳад намуд. Таҳқиқоти мазкур инчунин ба талаботи муқаррарнамудаи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед диссертатсияи мустақили илмӣ-тахассусии анҷомёфтаро оид ба мавзӯи мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ пешниҳод намудааст, ки муқаррароти асосии он дар автореферати диссертатсия инъикоси худро пайдо намудааст. Диссертатсияи мазкурро метавон саҳми шахсии муаллиф дар инкишофи назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ шуморид. Аҳамияти илмии диссертатсия бо он вобастагӣ дорад, ки дар он аз ҷиҳати назариявӣ роҳу усулҳои ҳалли мусбии масъалаҳои мубрами таҳқиқшаванда асоснок ва пешниҳод карда шудааст.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Ҳамин тариқ, диссертатсия ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси руи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 74-75-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва банди 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ гардидаанд, омода ва пешниҳод шудааст.

Тақризи оппоненти расмии дуюм аз ҷониби номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи

давлатии тиҷорати Тоҷикистон Қудратов Н.А. омода карда шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Суратмаҷлиси кафедра № 7 аз 16 феврали соли 2019.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳоти ½ Тел.: (+992 237) 234-83-46.
E-mail: tguk@mail.ru http//www/tguk/ru

Мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва
Зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қудратов Н.А.

«Имзои Қудратов Н.А. - ро
тасдиқ мекунам» Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН * ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ КОММЕРЦИИ * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА ҲУҶҶАТНИГОРӢ УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И ДЕЛОПРОИЗВОДСТВА